“Тасдиқ мекунам”
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

Сафарзода Д.Ч. ____________

“20” ___02___ соли 2024

**ХУЛОСАИ**
**кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи “Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Раҷабзода Аъзамҷон Нурали соли 2018 Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси 1-230101-муносибатҳои байналмилалӣ, соли 2020 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси 1-260101-идораи давлатӣ (магистратура) хатм намуда, аз соли 2018 то инҷониб дар вазифаҳои гуногуни Академияи мазкур кору фаъолият намудааст. Айни ҳол номбурда дар вазифаи муовини декан оид ба таълими факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Мавзуи рисолаи номзадии Раҷабзода А.Н. бо унвонии “Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” зери роҳбарии Бобозода Фаридун Толибҷон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Шурои олимони Академия аз 28 майи соли 2021, №11/8 тасдиқ гардидааст.

Лоиҳаи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ 25 майи соли 2023 (протоколи №10) маротибаи аввал баррасӣ гардида, аъзоёни кафедра фикру таклифҳои худро ҷиҳати такмили диссертатсия пешниҳод карда буданд.

Пас аз ислоҳи эроду камбудиҳо диссертатсияи Раҷабзода А.Н. дар ҷаласаи васеи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академия 17 феврали соли 2024 (протоколи №7) муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон Искандаров Қ., Алимов Р., Сатторзода А., Муҳаммадзода П., Ализода Б.П., Файзализода Б.Ф., дотсентон Карамалишоев К.Н., Шарифхоҷаева С.А., Шарипов А.Н., Бобозода Ф.Т., Қувватзода С.З., Мирзошарифзода И., Меърoҷиддини Н., Файзов Н.Н., Наимӣ И., муаллимони калон Воҳидов Н.Ҳ., Алуев А. ва ассистентон Боронов Б.Я. ва Хидиров У.У. иштирок доштанд.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм (07.06.2023) бо баҳои 4 (хуб), забони хориҷӣ (англисӣ, 21.09.2023) бо баҳои 5 (аъло) ва аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (31.10.2023) бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супорида, соҳиби шаҳодатнома аз 27 ноябри соли 2023, таҳти №142 гардидааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Мубрамият ва аҳамияти мавзуъро мумкин аст, бо далелҳои зерин мушаххас намуд:

1. Муайян намудани хизмати шоёни Талбак Назаров дар рушди илму сиёсати кишвар, ба хотири истифодаи таҷрибаи бузурги ӯ ҳам дар соҳаи дипломатия ва ҳам илм мубрамияти мавзуъро афзоиш медиҳад. Чи тавре ки, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: “Омӯхтани руйдодҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, бо онҳо пайванд доштани хешро эҳсос карда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои онҳоро аз нав зинда гардонем ва ба фарзандони халқи далерамон бо ифтихор дар бораашон ҳарф занем”.

2. Пажуҳиши заҳмату ҷоннисориҳои академик Талбак Назаров дар давраи мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои 1992-1997 ба сари мардуми кишвар омада буд. Дар он солҳо академик Талбак Назаров дар вазифаҳои сиёсии давлатӣ адои вазифа намуда, дар паҳлӯи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истода, роҳбарии ҳайати ҳукумати конститутсиониро дар раванди музокироти сулҳ дар солҳои 1996-1997 бар ӯҳда гирифта, дар барқарор кардани сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон нақши муассир бозидааст. Яъне маҳз дар давраи роҳбарии ӯ ба ҳайати ҳукуматӣ дар раванди музокирот 27 июни соли 1997 санади хотимавӣ “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар

Тоҷикистон” ба имзо расид. Аз ин рӯ, дар давраи мазкур таҷрибаи нодири сулҳсозӣ ба вуҷуд омад, ки ба таҳқиқи ҳамаҷониба ниёз дорад.

3. Аҳамияти илмии мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин, аз он иборат аст, ки то имрӯз таҳқиқоти махсуси илмӣ оид ба саҳми академик Талбак Назаров дар рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашуда, вобаста ба ҳаёту фаъолияташ фақат дар баъзе энсиклопедия, рӯзнома ва сомонаҳои интернетӣ маълумоти ночизе пайдо кардан мумкин аст.

4. Ҳаёт ва фаъолияти академик Талбак Назаров хеле гуногунҷабҳа мебошад. Аз як тараф ӯ ҳамчун дипломат, ходими сиёсӣ ва аз тарафи дигар омӯзгори нотакрор, олими ислоҳотгар ва шахсияти камназир мебошад. Инчунин, ӯ як роҳбари муваффақ, ҳимоятгари манфиатҳои давлату миллат, муаллифи асарҳои арзишманди соҳаи иқтисоду маориф ва сиёсату амният, иштирокчии фаъоли конференсия ва симпозиумҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои мазкур аҳамияти илмии омӯзиши мавзуи таҳқиқшавандаро пурқувваттар мекунанд.

5. Шахсияти Талбак Назаров дар ду самти фаъолият – ҳам олимиву омӯзгорӣ ва ҳам ба ҳайси ходими давлатӣ дар таърихи нимасри охири Тоҷикистони муосир як падидаи муҳим ба шумор меравад. Аз он ҷиҳат, ки ӯ дар илм то ба маснади академикӣ расида, дар рушди он нақши беназир бозида, дар сиёсат ҳамчун пешоҳанг (патриарх)-и дипломатияи тоҷик эътироф шудааст. Аз ҷумла, китобҳое, ки вобаста ба илми иқтисод ва дипломатия навиштааст, на танҳо дар дохили кишвар маълуму маъруфанд, балки аз ҷониби олимону ходимони ҷомеаи ҷаҳонӣ низ пазируфта шудаанд. Аз ин рӯ, тавассути таҳқиқи ҳаёту фаъолияти Талбак Назаров дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон, равандҳои сиёсии давлат, муносибатҳои байналмилалӣ, соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, инчунин, мероси гаронбаҳои илмии ӯ пажуҳиш гардида, бешубҳа, диссертатсия аҳамияти бузурги илмию амалӣ пайдо мекунад.

6. Талбак Назаров инчунин, дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои илму маориф ва сиёсату иқтисодиёт хизмати беандоза намудааст. Ӯ дар солҳои адои вазифаҳои роҳбарӣ тавонист, ки кадрҳои баландихтисосро омода ва ба мансабҳои баланд тавсия намояд. Худи устод Талбак Назаров дар яке аз суханрониҳояшон сиёсатмадорони барҷастаи оламро ёдовар шуда, гуфта буданд, ки “Кадрҳо ҳалкунандаи ҳама масъалаҳо мебошанд”! Барои ҳамин, таҳлилу омӯзиши мактаби пуртаҷрибаи роҳбарӣ ва усулҳои омодакунии кадрии ӯ низ аз аҳамияти илмӣ холӣ нест.

7. Мубрамияти мавзуъ, инчунин, дар он ифода меёбад, ки академик Талбак Назаров дар солҳои ниҳоят мушкил, яъне даврони ҷанги шаҳрвандӣ ва даврони барқарор кардани сохтори давлатдории навини тоҷикон вазифаи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994-2006)-ро бар ӯҳда дошта, новобаста аз ин вазъияти мушкил тавонист, ки дар ибтидо муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дигар кишварҳои ҷаҳон барқарор намуда, баъдан ҷиҳати тавсеа ва таҳкими муносибатҳои мутақобила бо онҳо саъю талош варзидааст. Бешубҳа, ин таҷрибаи ғании дипломатии ӯ ба омӯзиши амиқи илмӣ ниёз дорад.

8. Талбак Назаров илм ва сиёсати Тоҷикистонро дар форуму конференсияҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ то имрӯз муаррифӣ мекунад. Ӯ аз соли 1987 дар ҷаласаву машваратҳои зиёда аз 50 созмонҳои байналмилалию минтақавӣ иштирок карда, зимни суханронӣ дар конференсияву форум, ҷаласаву симпозиумҳои гуногуни байналхалқиву минтақавӣ ва дигар вохӯриҳо ҳадафу манфиатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистонро ҳимоя намудааст.

Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирии саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр мубрам буда, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар на танҳо аҳамияти илмӣ-назариявӣ, балки аҳамияти илмӣ-амалиро низ доро мебошад.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳлилу омӯзиши ҳаёту фаъолияти академик Талбак Назаров ва муайян намудани саҳми ӯ дар ташаккулу рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар омӯзиш ва таҳлили илмии ташаккулу рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мешавад. Ба маънои васеъ, ин аввалин таҳқиқоти маҷмӯии илмӣ вобаста ба мавзуи саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли диссертатсия мебошад. Навгонии дигари илмӣ дар он таҷассум меёбад, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот шумораи зиёди сарчашмаҳои камомӯзишёфта ва нодирро мавриди омӯзиш ва истифода қарор додааст.

Инчунин, навгониҳои таҳқиқот дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбанд:

- солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсии академик Талбак Назаров мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

- аввалин бор ба таври муфассал раванди ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ баррасӣ карда шуд;

- нақши Талбак Назаров дар рушди Вазорати корҳои хориҷӣ ва ташаккули хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баҳогузорӣ гардид;

- бори аввал аст, ки андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд;

- саҳми академик Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1996-1997) мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифт;

- шахсияти Талбак Назаров ҳамчун муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифт;

- авалин бор ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров ҷамъоварӣ шуда, мавриди арзёбӣ қарор гирифт.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои диссертатсияро метавон барои мутахассисони соҳаи дипломатия, таърихнигорон, ҷомеашиносон, иқтисоддонҳо ва онҳое, ки машғули омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият мебошанд, тавсия намуд.

Хулосаҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур бароварда шудаанд, метавонанд ҳангоми таҳияи рисолаҳо вобаста ба таърихи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи муосири дипломатияи тоҷик ва ташаккулу рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таълимӣ, методӣ, лексияву мақолаҳо оид ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он дида мешавад, ки хулосаву тавсияҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар сохторҳои марбута, инчунин ходимони сиёсӣ, хизматчиёни давлатӣ ва дипломатӣ дар фаъолияти кории ҳаррӯзаашон ба таври васеъ истифода баранд. Инчунин, таҳқиқоти мазкур ва натиҷаҳои он метавонанд дар раванди омода намудани кадрҳои ҷавон дар самти хизмати давлатӣ ва дипломатӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз интихоби мавзуъ, муайян кардани мубрамияти он, муайянсозии мақсад ва иҷрои вазифаҳо бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ анҷом дода шудааст. Муҳаққиқ дар раванди кор вобаста ба саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон адабиёту сарчашмаҳои илмию

оммавиро мавриди таҳқиқ қарор дода, бо олимону ҳамкорон, шогирдон ва худи ӯ вохӯриву суҳбатҳо оид ба мавзуи таҳқиқшаванда анҷом дода, хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод кардааст. Ӯ, ҳамчунин, вобаста ба муҳтавои мавзуъ мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва академиявӣ пешниҳод шуда, онҳо дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти даврии ҷумҳуриявӣ нашр карда шудаанд.

**Итишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 6 мақолаҳои илмии маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаҳои илмӣ дар маҷмӯаи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ интишор гардидаанд.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ба табъ расидаанд:**

[1-М] Раҷабзода, А.Н. Ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони хориҷию дохилӣ дар бораи фаъолияти дипломатӣ ва сиёсии академик Талбак Назаров [Матн] / А.Н. Раҷабзода, Ф.Т. Бобозода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе: 2019, №4(44). – С. 78-85.

[2-М] Раҷабзода, А.Н. Нақши Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1996-1997) [Матн] / А.Н. Раҷабзода, Н.Н. Файзов // Паёми ДМТ. – Душанбе: 2020, №6. – С. 44-51.

[3-М] Раҷабзода, А.Н. Нақши Талбак Назаров дар рушди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994-2006) [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: 2022, №1(96). – С. 222-228.

[4-М] Раҷабзода, А.Н. Ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе: 2021, №4-1(53). – С. 250-261.

[5-М] Раҷабзода, А.Н. Саҳми академик Талбак Назаров дар ба даст овардани истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (1996-1997) [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. - Душанбе: 2022, №2. - С.250-258.

[6-М] Раҷабзода, А.Н. Андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва

созмонҳои байналмилалӣ [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе: 2023, №2 (61). – С. 336-346.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расидаанд:**

[7-М] Раҷабзода, А.Н. Раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии Тоҷикистон аз нигоҳи академик Талбак Назаров [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, Душанбе, 29 октябри соли 2021: маҷмӯи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо. Матбааи АИДНПҶТ. – Душанбе: 2021. – С. 123-130.

[8-М] Раҷабзода, А.Н. Талбак Назаров – муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Маҷаллаи "Осиё ва Аврупо". – Душанбе: 2022, №1(9). – С. 70-79.

[9-М] Раҷабзода, А.Н. Саҳм ва мавқеи Талбак Назаров дар раванди сулҳи тоҷикон [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 25 солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Душанбе, 24 июни соли 2022: маҷмӯи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо. Матбааи АИДНПҶТ. – Душанбе: 2022. – С. 244-256.

Дар маҷмуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси Шурои диссертатсионии 6DKOA-024 – 6D020201-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ ва 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи "Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) омода ва пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ

ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6О.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.02.2024, протоколи №7 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 19 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 19 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
Ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи АИДНПҶТ, н.и.т., дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ — Карамалишоев К.Н.

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии АИДНПҶТ — Алуев А.

Имзоҳои Карамалишоев К.Н. ва Алуев А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ — Ғаюров Ф.З.

**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел./факс: +992 (37) 224-17-86,
E-mail: info@apa.tj
**Сомонаи расмӣ:** www.apa.tj